# Такриз

ба автореферати диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи «Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Тарбияи инсони соҳибмаърифат, мутахассиси соҳибкасби ҷавобгӯ ба талаботи муосири пешрафтаи илмӣ-техникӣ пеш аз ҳама ба ташаккули ҷаҳонбинии насли ҷавон мусоидат мекунад, кадоме ки асоси онро сохтори мукаммали асосҳои назарҳои фалсафӣ, тасаввурот дар бораи симои ҷаҳон, дар бораи раванди маърифати илмӣ, тафаккури илмӣ ва эътикодҳои материалистиро ташкил медиҳанд. Ҳар давраи рушди ҷамъият масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва мутобиқати он бо сохти ҷамъиятӣ, сатҳи рушди илму маорифро ҳаллу фасл мекунад.

Эътибор ва таваҷҷӯҳи муҳим ба масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас ба тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ хос аст. Масъалаҳои ҷаҳонбинии диалектикӣ бо тасдиқи мавкеи инсондӯстии ҳаёти фаъоли шахсӣ, рушди ташаббусҳои коллективӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқ дар маҷмӯъ, аз он ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут аст. Дар шароити муосир асоснок намудани механизми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим махсусан муҳим аст. Муҳимияти ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони ҷавон имрӯз пеш аз ҳама бо тағйироти куллии ҷомеаи мо дар тамоми сатҳҳо муайян мегардад, ки азнавсозии тафаккурро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диккат буда, ба таҳкиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Таҳлилу истифодаи методҳои тадкикотии педагогӣ, максаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишҳои мукарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, пурсиш, суҳбатҳо бо хонандагону волидайни онҳо, мушоҳидаҳо, омӯзиши роҳҳои ташаккули фарҳанги зеҳнӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ,...) тасдиқ менамояд.

Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович барои истифода намудани воситаҳои инноватсионии таълим, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсир мерасонанд, ташхиси (диагностикаи) дараҷаи ибтидоии таълимро анҷом дод. Хусусиятҳои

педагогии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таълимӣ: қадамҳо, муайян намудани нишондиҳандаҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ба система даровaрда шудаанд. Алоқамандии байниҳамдигарии мафҳумҳои «методика» ва «технология» барои таъмини ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим нишон дода шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, баррасӣ шудааст.

Дар боби якум бобати масъалаҳои марбут ба асосҳои фалсафӣ ва психологии муносибатҳои илмӣ барои истифода бурдани технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил шуданд, сохтори мундариҷавии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон баррасӣ гардида, хулосаҳо баровaрда шуданд, тавсияҳои методӣ оид ба истифода бурдани технологияҳои инноватсионӣ таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон омода ва пешниҳод гардидааст.

Дар боби дуюм доир ба сифати воситаҳои ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, китоби электронӣ ва моделҳои графикӣ маълумот гирд оварда шудаанд, ки дар таълиму тарбияи хонандагон нақши муҳим доранд.

Ба ақидаи муаллиф масъалаи баланд бардоштани технологияи ташаккули сатҳи маърифатӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ тавассути технологияҳои инноватсионии таълим, ки самти асосии ташаккули хонандагон мебошад, имрӯзҳо хеле муҳим аст. Истифода намудани технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ва ворид намудани онҳо ба раванди таҳсил барои баланд шудани сифати аз худ намудани маводи таълимӣ ва дараҷаи омӯзондагӣ мусоидат мекунад.

Дар ҷадвалҳо маълумоти қиёси натиҷаҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ оварда шудааст. Натиҷаҳои ташаккули дараҷаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар марҳалаи муосир дар мактабҳои озмоишӣ дар ҷадвал мушаххас ифода ёфтааст.

Таҳлили адабиётҳои пешниҳодшудан автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқоти гузаронидан Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович ба мазмун ва мундаричаи автореферат мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзӯи «Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи технологияи иттилоотӣ ва
методикаи таълими информатика
Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Файзализода Баҳрулло Файзалӣ

28.01.2023

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, куч. Айни 67.
Тел. 988-22-00-33, E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Имзои Файзализода Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.